**Филиали ташкилоти ғайритиҷоратӣ, байналмилалии башардӯстонаи**
**Good Neighbors (GNT) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**МУТАХАССИСИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ РАҚАМӢ ВА МУТАХАССИСИ ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ).**

| | |
|---|---|
| Мӯҳлати пешниҳоди дархостҳо: | **30.04.2026** |
| Таҷрибаи корӣ (гузаронидани тадкикот): | На кам аз се сол |
| Ҷойгиршавӣ: | ш. Душанбе |
| Навъи шартнома: | Шартномаи хидматрасонӣ кӯтоҳмуддат |

Good Neighbors созмони ғайритиҷоратии байналмилалӣ оид ба рушди башардӯстона буда, соли 1991 дар Корея Ҷанубӣ таъсис ёфтааст. Good Neighbors дар 50 кишвари ҷаҳон фаъолият менамояд ва барои рушди ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва ҳавасмандгардонии эътимоднокии ҷомеа сару кор дорад. Созмони Good Neighbors (GNT) дар ҶТ аз соли 1998 фаъолият намуда, барои беҳтар кардани зиндагии мардум, махсусан кӯдакон тавассути омӯзиш, рушди ҷомеа ва ҳамчунин лоиҳаҳои кӯмаки башардустона фаъолият менамояд. Good Neighbors (GNT) дар ҶТ бо ҷонибҳои асосии манфиатдор, аз қабили Вазорати маориф, Вазорати тандурустӣ, Вазорати меҳнат ва муҳоҷират, Кумитаи кор бо занон, мақомоти маҳаллӣ, ташкилотҳои байналмиллалии рушд, СММ ва оҷонсиҳои донорӣ аз қабили Иттиҳоди Аврупо, GIZ, UNICEF, WFP, SCO ва ғайраҳо ба тариқи пайваст кардани ҷамоатҳои камбизоат ва осебпазир ба таҳсилоти босифат, тандурустӣ, таъмини об ва хизматрасониҳои беҳдоштӣ- санитарӣ фаъолият менамояд.

Good Neighbors барои он вуҷуд дорад, ки ҷаҳонро ба макони бегуруснагӣ табдил диҳад, дар он ҷое ки мардум бо ҳам мувофик зиндагӣ мекунанд. Good Neighbors ба ҳуқуқҳои инсонии осебпазиртарин новобаста аз синну сол, ҷинс, фарҳанг, мансубияти этникӣ, маъюбӣ ва эътиқод эҳтиром мегузорад ва ба онҳо кӯмак мекунад, ки дар шароити мустақилона зиндагӣ кунанд.

Дар мувофиқа бо ҳадафҳои мо, Good Neighbor боварӣ дорад, ки ҳама ҳуқуқҳои инсонии одамон бояд эҳтиром карда шаванд. Мо дарк мекунем ва вазифадорем, ки ҳуқуқҳои онҳоро ҳифз кунем ва ҳама гуна зиёнро пешгирӣ намоем. Аз ин рӯ, Good Neighbors нисбат ба ҳама гуна амале, ки боиси зарари ҷисмонӣ, ҷинсӣ, равонӣ, зӯроварӣ, истисмор ва зӯроварии эмотсионалӣ мегардад, махсусан барои кӯдакон (ҳар шахси зери синни 18-сола), занон ва калонсолони осебпазир таҳаммулнопазир аст.

Ҳифз ва муҳофизат аз истисмор ва сӯиистифодаи ҷинсӣ (PSEA) масъулияти муштараки ҳама ба ҳисоб меравад ва аз тамоми кормандон ва шарикони GN талаб карда мешавад, ки Кодекси рафтори GN-ро ҳам дар вақти корӣ ва ҳам берун аз он риоя намоянд. Шинос шудан бо ва риояи Сиёсати ҳифзи кӯдакон ва калонсолон ва Кодекси рафтори GN оид ба ҳифзи бехатарӣ, илова бар омӯзиши ҳатмӣ, як талаботи муҳим нисбати тамоми кормандон ва шарикони ташкилот ба ҳисоб меравад . Ҳама кормандон ва шарикон бояд боварӣ ҳосил намоянд, ки онҳо банди мазкурро пурра дарк намудаанд ва мувофики он амал мекунанд, лутфан ба https://www.goodneighbors.org/who/account нигаред.

**Эълон барои ҷалби Мутахассиси соҳаи кишоварзии рақамӣ ва Мутахассиси таҳияи барномаҳои таълимӣ (таҳияи модул).**

Ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва байналмилалии башардӯстонаи Good Neighbors (GNT) дар ҶТ дар доираи татбиқи лоиҳае, ки ба табдили рақамии соҳаи кишоварзӣ ва дастгирии деҳқонони ҷавон равона гардидааст, ҷалби ду мутахассиси ботаҷриба ва дорои малакаҳои касбӣ дар самти тарроҳии барнома ва таҳияи модул дар мавзуъҳои: Саводнокии рақамӣ, Платформаҳои бозор, Асбобҳои иттилооти иқлимӣ, Барномаҳои машваратӣ, ва истифодаи бехатар аз асбобҳои рақамӣ тарҳрезӣ шудааст эълон менамояд.

Ин мутахассисон барои таҳия ва таҳкими модули таълимии кишоварзии рақамӣ вазифадор карда мешаванд, ки он дониш ва малакаҳои заруриро дар самтҳои саводнокии рақамӣ, платформаҳои бозорӣ, воситаҳои иттилооти иқлимӣ, барномаҳои машваратӣ ва истифодаи бехатари воситаҳои рақамӣ фароҳам меорад. Модул бар асоси эҳтиёҷот ва арзёбии истифодаи асбобҳо ва платформаҳо дар соҳаи кишоварзӣ таҳия гардида, барои истифодаи тренерон ва омӯзиши самараноки деҳқонони ҷавон пешбинӣ мегардад.

**Вазифаҳо ва уҳдадориҳои асосӣ**

1. **Тарроҳии барнома ва таҳияи модул:**
   **Мавзӯъҳои модул:**

- Саводнокии рақамӣ,
- Платформаҳои бозор,
- Асбобҳои иттилооти иқлимӣ,
- Барномаҳои машваратӣ,
- Истифодаи бехатар ва стратегии асбобҳои рақамӣ, ки бар асоси эҳтиёҷот ва арзёбии истифодаи асбобҳо ва платформаҳо тарҳрезӣ шудааст.

2. **Таҳияи мундариҷа:**
- Ҳамкорӣ бо Мутахассиси кишоварзии рақамӣ барои ворид намудани мундариҷаи техникӣ.
- Таъмини равишҳои ҳассос ба ҷинсият ва истифодаи мисолҳои фарогир.
- Таҳияи дастурҳо ва воситаҳои таълимии содда ва барои истифодабаранда қулай.

3. **Баррасӣ ва тасдиқ:**
- Баррасии стандартҳои мавҷудаи омӯзишии Вазорати кишоварзӣ ва ҳамгироии онҳо ба барнома.
- Омода намудани лоиҳаи модул барои баррасӣ ва тасдиқи якрӯза бо иштироки намояндагони Вазорати кишоварзӣ, хизматрасониҳои васеъ ва роҳбарони ҷавонон.
- Ба инобат гирифтани пешниҳодҳо ва натиҷаҳои коргоҳ дар таҳияи барномаи ниҳоӣ.

4. **Ҷамъбаст ва супоридан:**
- Таҳияи барномаи ниҳоӣ ва модули омӯзишӣ барои чоп ва истифода.
- Ҳамоҳангсозӣ ва супоридани маводҳо ба Вазорати кишоварзӣ, шарикон ва баҳрагирандагон.

**Талабот ба довталаб**
- Маълумоти олӣ дар соҳаҳои маориф, рушди барномаҳои таълимӣ, кишоварзӣ, иқтисод ё дигар соҳаҳои марбут.
- Таҷрибаи на камтар аз 3–5 сол дар таҳия ва татбиқи барномаҳо ва модулҳои омӯзишӣ.
- Дониши хуб дар самти методологияҳои омӯзиши калонсолон ва равишҳои иштироккунанда.
- Таҷриба дар таҳияи маводҳои таълимии содда ва барои истифодабаранда қулай.
- Фаҳмиши хуби масъалаҳои баробарии гендерӣ ва равишҳои фарогир дар омӯзиш.
- Таҷриба дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои давлатӣ, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ (афзалият дорад).
- Маҳорати хуби таҳлилӣ ва қобилияти кор бо иттилоот ва натиҷаҳои арзёбӣ.
- Қобилияти кор дар даста ва муоширати муассир бо ҷонибҳои манфиатдор.
- Донистани забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забони англисӣ бартарӣ дорад).

**Давомнокӣ ва шартҳои кор**
- Давомнокии кор: тибқи нақшаи лоиҳа (кӯтоҳмуддат);
- Шакли ҷалб: шартномавӣ;
- Ҷойи иҷрои кор: Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маълумоти иловагиро дар бораи ҷойи кории холӣ ТАНҲО ҳангоми мусоҳиба гирифтан мумкин аст.

**РЕЗЮМЕ ва ё ШАКЛИ АНКЕТАИ “GOOD NEIGHBORS”** (анкетаи ташкилотро аз сомона боркашӣ намоед ва ё ба ташкилот муроҷиат намоед – *суроға дар зер нишон дода шудааст*) ва ба суроғаи электронии зерин фиристед: gnt.humanresources@gmail.com и arina.nam@goodneighbors.org

**Суроғаи ташкилот: ш.Душанбе, кӯч. Г. Завқибекова 34/3 (назди театри лухтак, Стадиони «Спартак», Боғи бачагона).**

Маълумоти иловагиро оид ба ташкилот метавонед дар сомонаҳои зерин пайдо намоед:
www.goodneighbors.org
www.goodneighbors.tj
https://www.facebook.com/gntajikistan/
https://www.instagram.com/goodneighbors_tj/
https://www.linkedin.com/company/15834558/